**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

**аз 6 декабри соли 2014** **ш. Душанбе** **№767**

**«Дар бораи таъсиси Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади амалигардонии Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Ҳайати Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ ва Низомномаи Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми иҷроия вобаста ба ҷамъоварӣ ва таҳлили нақшаҳои корӣ ва ҳисоботҳо оид ба корҳои иҷронамудаи вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо муайян карда шавад.

4. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе шӯроҳоро оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ таъсис диҳанд.

5. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, №514 «Дар бораи таъсиси Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ» ва **аз 3 майи соли 2006, №198** «Масъалаҳои Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ» аз эътибор соқит дониста шаванд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

**Замима 1**
**Бо қарори ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 6 декабри соли 2014, №767**
**тасдиқ шудааст**

**Ҳайати**
**Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(аз рӯи вазифа)**

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон-Раиси Шӯро;
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон-Муовини Раиси Шӯро;
Сармутахассиси Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Котиби Шӯро.
Аъзои Шӯро:
Сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Сардори Раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Сардори Раёсати илму маърифати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини якуми Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини якуми Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Вазири саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини якуми Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини якуми Сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муовини якуми Директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муовини Раиси палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ноиби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Замимаи 2**
**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 6 декабри соли 2014 №767**
**тасдиқ шудааст**

## НИЗОМНОМАИ
## Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шӯро) мақоме мебошад, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳоро бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ амалӣ менамояд.

2. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

### 2. Вазифаҳои асосии Шӯро

3. Вазифаҳои асосии Шӯро аз инҳо иборатанд:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо дар рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили фаъолияти вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо оид ба татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- шунидани ҳисобот вобаста ба фаъолияти мақоми иҷроия, вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо оид ба масъалаҳои татбиқи сиёсат дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳоди ҳисоботи ҳарсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мусоидат дар масъалаҳои фаъолияти муштарак ва ҳамкории мақомоти ваколатдори давлатӣ ва соҳибҳуқуқон;
- таъсис додани гурӯҳҳои корӣ ва камиссияҳо ҷиҳати мониторинги вазъи соҳаи моликияти зеҳнӣ ва иҷрои қарорҳои Шӯро;
- муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушд дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- тасдиқи нақшаи кории ҳарсолаи Шӯро;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани пешниҳодҳо оид ба таъсис ва таҳкими мақомоту сохторҳое, ки дар рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ ваколатдоранд;
- амалигардонии дигар вазифаҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 3. Сохтори Шӯро

4. Ҳайати Шӯро аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Шӯро аз Раис, муовини ӯ, котиб ва дигар аъзо - намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иборат аст.

5. Раиси Шӯро:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти Шӯроро амалӣ менамояд;
- маҷлисҳои Шӯроро даъват мекунад ва мегузаронад;
- нақшаҳои кории Шӯроро дар асоси нақшаҳои кории пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо тасдиқ мекунад;
- протоколи маҷлисҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро барои иҷроиш имзо мекунад;
- вазифаҳои аъзои Шӯроро муайян мекунад;
- тибқи тартиби муқарраргардида аз мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ноҳиявӣ маълумот (мавод) оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Шӯро мансубанд, талаб мекунад;
- ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯро ба вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо дастуру супоришҳо медиҳад;

- ҳисоботи аъзои Шӯро, намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳоро мешунавад.
- дигар ваколатҳоеро, ки ба фаъолияти Шӯро дахл доранд, амалӣ менамояд.
6. Муовини Раиси Шӯро:
- вазифаҳои Раиси Шӯроро дар вақти набудани ӯ иҷро менамояд;
- дигар супоришҳои Раиси Шӯроро иҷро менамояд.
7. Котиби Шӯро:
- коргузории Шӯроро таъмин менамояд;
- мурочиатхо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба Шӯро воридшударо таҳия ва ҷамъбаст намуда, ба Раиси Шӯро пешниҳод менамояд;
- якҷоя бо аъзои Шӯро ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба масъалаҳои баррасишаванда таҳия намуда, лоиҳаи қарорҳоро аз рӯи онҳо ба Раис ва аъзои Шӯро пешниҳод менамояд;
- протоколи маҷлисҳо ва қарорҳои Шӯроро тартиб дода, ҷиҳати татбиқи он ба вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо пешниҳод менамояд;
- супоришҳои Раиси Шӯро ва дигар вазифаҳоро вобаста ба фаъолияти Шӯро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.
8. Аъзои Шӯро:
- дар маҷлисҳои Шӯро ширкат меварзанд;
- таклифҳои мушаххасро барои ворид намудан ба Нақшаи корӣ ва рӯзномаи маҷлисҳои Шӯро манзур менамоянд;
- мавод ва лоиҳаҳои қарорҳоро ба маҷлисҳои Шӯро омода менамоянд;
- дар бораи кори анҷомдодаи вазорату идора ё ташкилоту муассисае, ки онро намояндагӣ мекунанд, ҳисобот пешниҳод менамоянд;
- ахбори заруриро бо дархости Раиси Шӯро ё муовини ӯ пешниҳод мекунанд.
9. Мақоми иҷроия - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ ва ташкилию техникии Шӯроро амалӣ менамояд;
- лоиҳаҳои Нақшаи корӣ ва пешниҳодҳоро таҳия намуда, барои баррасии вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод мекунад;
- ворид намудани пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдорро ба нақшаи кории Шӯро таъмин месозад;
- пас аз таҳлили нақшаҳои корӣ ваҳисоботҳои вазорату идораҳо,мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, ба баррасии Шӯро пешниҳодҳои худро манзур менамояд;
- ҷараёни иҷрои нақшаҳо ва қарорҳои Шӯроро таҳлил ва назорат намуда, аз натиҷаҳои он ба Раиси Шӯро ахборот пешниҳод мекунад;
- дигар супоришҳои Раиси Шӯроро иҷро мекунад.

## 4. Ташкили фаъолияти Шӯро

10. Мақоми олии Шӯро маҷлиси Шӯро мебошад, ки ҳар сол на камтар аз ду маротиба гузаронида мешавад.
11. Қарору тавсияҳои Шӯро тавассути қарору фармоишҳо, фармону дастурҳои вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо иҷро карда мешаванд.
12. Маҷлисҳои ғайринавбатии Шӯро дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо ташаббуси Раиси Шӯро метавонад ва ё бо пешниҳоди аксари аъзои Шӯро гузаронида мешавад.
13. Рӯзномаи маҷлис ва маводи баррасишаванда ба аъзои Шӯро на дертар аз се рӯз пеш аз оғози маҷлис дастрас карда мешаванд.
14. Раисӣ дар маҷлисҳои Шӯро аз ҷониби Раиси Шӯро анҷом дода мешавад ва дар сурати ҳузур надоштани ӯ раисӣ аз ҷониби муовини Раиси Шӯро анҷом дода мешавад.
15. Маҷлиси Шӯро ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар он аз нисф зиёди аъзои он иштирок дошта бошанд.
16. Қарорҳои Шӯро бо тариқи овоздиҳии кушод бо аксарияти овозҳои аъзое, ки дар маҷлиси Шӯро иштирок мекунанд, қабул карда мешаванд. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози Раис ҳалкунанда мебошад.
17. Вазорату идораҳо, мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо нақшаҳои корӣ ва ҳисоботҳои худро оид ба татбиқи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ барои солҳои 2014-2020 барои ҷамъбаст ва баррасӣ дар маҷлисҳои Шӯро ба Котиби Шӯро ва Мақоми иҷроияи Шӯро ба таври расмӣ пешниҳод менамоянд.
18. Нақшаи кори Шӯро барои давраи муайян дар асоси нақшаҳои кории вазорату идораҳо, мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо бо назардошти пешниҳоди Мақоми иҷроия баъд аз баррасӣ дар маҷлисҳои Шӯро қабул ва тасдиқ карда мешавад;
19. Қарори Шӯро бо протокол ба расмият даровара шуда, аз ҷониби Раис ва Котиби Шӯро ба имзо расонида мешавад.

20. Нусхаи протокол ва иттилооти дигари марбут ба фаъолияти Шӯро дар муддати даҳ рӯзи баъди гузаронидани маҷлис ба маълумоти ҳамаи аъзои Шӯро ва дигар шахсони манфиатдор расонида мешавад.

21. Шӯро барои шунидани ҳисобот метавонад ба ҷаласаҳои худ роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва дигар шахсони мансабдорро даъват намояд.

22. Шӯро дар мавриди зарурӣ метавонад барои додани хулоса оид ба масъалаҳои дар маҷлисҳои худ баррасишаванда олимон, коршиносон ва мутахассисонро даъват намояд, вале шахсони мазкур дорои ҳуқуқи овоз намебошанд.

**5. Ташкили фаъолияти Шӯро дар маҳалҳо**

23. Шӯро оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе сохтори минтақавии Шӯро ба ҳисоб рафта, рушди соҳаи моликияти зеҳниро дар маҳалҳо таъмин менамояд.

24. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои вилоятии он ба Шӯроҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе кӯмаки машваратӣ ва амалӣ мерасонад.

25. Ҳайат ва низомномаҳои Шӯроҳои вилоятиву шаҳрӣ бо қарори дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо Шӯрои миллӣ тасдиқ карда мешаванд.

26. Маҷлисҳои комиссияҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе на камтар аз як маротиба дар се моҳ гузаронида мешаванд.